*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 16 (4599) | ЧОРШАНБЕ, 25 ЯНВАРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





# МАҶЛИСИ ВАСЕИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**24-уми январи соли 2023 дар бинои Ҳукумати ҷумҳурӣ таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он роҳбарият ва аъзои Ҳукумати мамлакат, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳидҳои сохтории он, роҳбарони мақомоти марказии давлатӣ, кумитаҳо ва агентиҳои назди Президент ва Ҳукумат, корхонаю муассисаҳои ҷумҳуриявӣ, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олӣ, марказҳои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ, бонкҳои давлатӣ ва саҳомӣ, рӯзномаю маҷаллаҳои расмӣ ва дигар шахсони масъул иштирок карданд.

Зимни маҷлис натиҷаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар дар соли 2022 муфассал баррасӣ гардида, вазифаҳои асосӣ барои соли 2023 муайян карда шуданд. Нахуст ҳисоботи Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода оид ба натиҷаҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ дар соли 2022 шунида шуд.

Тавре таъкид гардид, соли 2022 барои мардуми Тоҷикистон бо вуҷуди мушкилиҳои ҷаҳони имрӯза ва таъсири манфии онҳо ба иқтисодиёти кишвари мо соли бобарор ба ҳисоб рафта, дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодии мамлакат пешравиҳои назаррас ба амал омаданд.

Дар ин давра аз ҷониби Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид якдилона қабул гардидани Қатъномa дар бораи эълон гардидани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» ва санаи 21-уми март ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиряххо», ки панҷумин ибтикори дар сатҳи ҷаҳон эътирофгардидаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба масъалаҳои об ва иқлим дар миқёси сайёра ба ҳисоб меравад, ҳамчун яке аз рӯйдодҳои муҳими таърихӣ боиси ифтихор ва сарбаландии ҳар як сокини мамлакат мебошад.

Бино ба маълумоти Сарвазири мамлакат, дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 115,7 миллиард сомонӣ баробар гардида, суръати афзоиш таъмин карда шуд. Сатҳи таваррум 4,2 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2021-ум 3,8 банди фоизӣ кам мебошад.

Соли 2022 ба қисми даромади умумии буҷети давлатӣ 36,3 миллиард сомонӣ маблағ ворид гардид, ки нисбат ба нақша 1,3 миллиард сомонӣ зиёд мебошад.

Дар соли ҳисоботӣ дар кишвар 487 корхонаи нави саноатӣ ба истифода дода шуда, рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ таъмин гардид.

Зикр шуд, ки бо мақсади таъмини рушди устувори соҳаи энергетика ва ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташуда ҳоло дар соҳа лоиҳаҳо ба маблағи 17 миллиард сомонӣ дар марҳилаи татбиқ қарор дорад.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат дар соли ҳисоботӣ ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ дар мамлакат нисбат ба соли 2021-ум 776 миллион киловатт - соат ё 3,8 фоиз зиёд гардид.

Инчунин, ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ 49,3 миллиард сомониро ташкил дода, суръати рушди он нисбат ба соли 2021 ба 108 фоиз баробар гардид.

Бо мақсади дастгирии соҳибкорӣ ва беҳсозии фазои сармоягузорӣ тайи солҳои охир аз ҷониби Ҳукумати мамлакат бо роҳи пешниҳод намудани имтиёзҳои андозию гумрукӣ дар самти рушди истеҳсолоти дохилӣ як қатор тадбирҳо андешида шуд.

Маълумот дода шуд, ки соли 2022 нисбат ба соли 2021 ба кишвар 1,9 баробар зиёд сармояи мустақими хориҷӣ ворид шудааст. Дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми умумии қарзҳои аз ҷониби низоми бонкии кишвар ба соҳибкорон ва аҳолӣ додашуда 14,4 миллиард сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2021-ум 700 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ ба 16,3 миллиард сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли 2021-ум11,4 фоиз зиёд аст. Татбиқи 17 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи умумии 11 миллиард сомонӣ дар соҳаи нақлиёт имкон дод, ки рушди соҳа таъмин гардад ва дар натиҷа соли сипаришуда тавассути ҳама гуна нақлиёт 103,4 миллион тонна бор ва 818,6 миллион нафар мусофир кашонида шуд, ки нисбат ба соли 2021 мутаносибан 26 ва 11 фоиз зиёд мебошад.

Соли 2022 ҳаҷми умумии гардиши савдо 47,6 миллиард сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2021-ум 11,2 фоиз зиёд аст. Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ дар ҳамаи соҳаҳои хизматрасонӣ соли 2022 ба 18,7 миллиард сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли 2021-ум 16 фоиз зиёд мебошад.

Тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат имконият фароҳам оварданд, ки дар давраи ҳисоботӣ гардиши савдои хориҷӣ нисбат ба соли 2021-ум 15 фоиз афзоиш ёбад.

Сарвазири мамлакат изҳор дошт, ки дар давраи ҳисоботӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои рушди соҳаи маориф беш аз 6,4 миллиард сомонӣ равона карда шуд, ки нисбат ба соли 2021-ум 14,3 фоиз зиёд мебошад. Дар ин давра бо мақсади рушди инфрасохтори соҳа 221 муассисаи таълимӣ ва томактабӣ сохта, мавриди истифода қарор дода шуд.

Бо мақсади рушди соҳаи тандурустӣ ва сари вақт бартараф кардани мушкилоти мавҷуда соли 2022 аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои рушди соҳа 2,6 миллиард сомонӣ равона карда шуд, ки нисбат ба соли 2021-ум 13 фоиз зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ба соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ барои кумакпулии унвонии иҷтимоӣ 116 миллион сомонӣ равона гардида, ба 31 ҳазор нафар, аз ҷумла 9,5 ҳазор нафар кӯдакони ниёзманд, хизматҳои гуногуни иҷтимоӣ расонида шуданд.

Дар соли ҳисоботӣ дар мамлакат аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 190 ҳазор ҷойи кори нав таъсис дода шуд.

Дар маҷлиси Ҳукумати мамлакат ҳисоботи вазири молия Файзиддин Қаҳҳорзода, раиси Кумитаи андоз Нусратулло Давлатзода, сардори Хадамоти гумрук Хуршед Каримзода ва директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа Дилмурод Давлатзода низ шунида шуд.

Иттилоъ дода шуд, ки дар натиҷаи рушди иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави кор, беҳтар намудани маъмурикунонии андозу хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ доир ба муқаррароти нави қонунгузории андоз, вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тавассути воситаҳои электронии пардохту густариши раванди рақамикунонӣ ва дигар тадбирҳои андешидашуда дар соли 2022 аз ҳисоби андозҳо ва пардохтҳои дохилӣ ба буҷети давлатӣ 15 миллиарду 386,5 миллион сомонӣ ворид карда шуд, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои пешбинишуда 594,5 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Иҷрои нақшаи андозҳо ва пардохтҳо дар кишвар, аз ҷумла Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба андозаи 107,7 фоиз, вилояти Хатлон - 102,8, вилояти Суғд - 105,4, шаҳри Душанбе - 100,4 ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 100,4 фоиз таъмин карда шуд.

Доир ба натиҷаҳои фаъолияти мақомоти гумруку андоз, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа баъди шунидани ҳисоботи роҳбарияти онҳо Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати баланд бардоштани нишондиҳандаҳои иҷрои нақшаи пардохтҳои гумрукӣ, бартарафсозии қарзҳои андоз, пардохти нафақа ва суғуртаи иҷтимоӣ ва ба шакли электронӣ гузаронидани тамоми муносибатҳои молиявӣ дар ин соҳаҳо дастуру супоришҳои қатъӣ доданд.

Дар маҷлиси Ҳукумати мамлакат прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Раҳмон, директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия Сулаймон Султонзода ва раиси Палатаи ҳисоб Қарахон Чиллазода доир ба фаъолияти мақомоти назоративу санҷиш дар самти пешгирии ҷинояту ҷинояткорӣ, бартарафсозии қонуншиканиҳо дар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва риояи ҳатмии қонунҳои амалкунандаи мамлакат ҳисобот доданд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# РОҲНАМОИ ФАРДО

**Дар Паёми Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки 23-юми декабри соли 2022 ироа гардид, фаъолияти кормандони мақомоти қудратӣ, аз ҷумла мақомоти судӣ низ, ҳаматарафа таҳлил карда шуд. Роҳбари давлат дар суханрониашон, аз ҷумла, чунин изҳор намуданд: «Бо дарназардошти рушди минбаъдаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, таҳкими кафолатҳои судии субъектҳои ин муносибатҳо зарур аст, ки фаъолияти мақомоти судӣ пайваста таҳкиму такмил дода шавад. Бинобар ин, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодиро зарур аст, ки оид ба бартараф намудани камбудиву норасоиҳои ҷойдошта, интихобу ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи тахассусӣ ва омодагии касбии судяҳо тадбирҳои муассир андешанд».**

Рӯз то рӯз дар олам гурӯҳҳои тахрибкор фаъол шуда истодаанд, ки мехоҳанд авзои ҷомеаро ноором созанд. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин маврид низ андешаҳои ҷолиб ба миён гузошта, аз ҷумла, таъкид карданд: «Имрӯзҳо гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ барои даъват ва ҷалб намудани шаҳрвандон ба сафҳои худ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ роҳу усулҳои навро истифода карда, ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳро бо ғояҳои тундгаройӣ гумроҳ месозанд. Аз ин лиҳоз, мақомоти дахлдорро зарур аст, ки ҳамоҳангсозии фаъолиятро дар самти ошкор ва пешгирӣ намудани хавфу хатарҳои террористиву экстремистӣ боз ҳам вусъат бахшида, бо роҳи тақвияти корҳои фаҳмондадиҳӣ пеши роҳи гароидани ҷавононро ба равияҳои ифротгаро гирифта, онҳоро дар рӯҳияи садоқат ба халқу Ватан ва эҳтиром ба арзишҳои умумиинсонӣ тарбия намоянд».

Бо мақсади ҷилавгирӣ аз ин зуҳурот ва тақвият бахшидани мубориза бо ин амалҳо Президенти мамлакат пешниҳод намуданд, ки муҳим ва саривақтист: «Дар робита ба ин, ҷиҳати пешгирӣ намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистиву террористидошта ва ҷиноятҳое, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ содир карда мешаванд, зарур аст, ки Маркази ягонаи иттилоотӣ таъсис дода шавад».

Чун анъана Сарвари давлат дар назди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вазифаҳои навбатиро гузошта, аз онҳо меҳнати ҳалолу содиқонаро талаб намуданд ва таъкид карданд: «Рушди устувор ва босуръати мамлакат, махсусан, амалӣ намудани стратегияҳо, барномаҳои дарозмуддат ва миёнамуҳлати кишвар тақозо менамояд, ки заминаҳои ҳуқуқии онҳо сари вақт ва босифат таъмин карда шаванд.

Ин вазифа аз мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда талаб менамояд, ки фаъолияти худро ҳамаҷониба тақвият бахшад. Ин масъала дар навбати худ ҳамкории парламентро бо дигар мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда, аз ҷумла бо субъектҳои дорои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва татбиқи ҳуқуқ, талаб менамояд».

Тавре дар Паёмашон Президенти мамлакат таъкид карданд, кишвари мо танҳо дар ҳамкорӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ дар мубориза бо зуҳуроти номатлуби ҷаҳонӣ, аз қабили терроризм ва экстремизм, сарбаландона баромада метавонад ва илова намуданд: «Тоҷикистон дар оянда низ дар ҳалли масъалаҳои мубрами ҷомеаи байналмилалӣ, аз қабили мубориза бо терроризм, ифротгаройӣ, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, қочоқи силоҳ ва маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ, ҳамчунин, мутобиқшавӣ ба пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва рафъи оқибатҳои он, саҳми босазо хоҳад гузошт».

Президенти мамлакат баҳри беҳтар кардани шароити зиндагии мардуми кишвар доимо ғамхорӣ зоҳир менамоянд. Дар Паёмашон низ пешниҳод карданд, ки давоми сол маош ва нафақаҳои қишрҳои алоҳидаи ҷомеа баланд бардошта шавад. Дар мавриди кормандони ҳифзи ҳуқуқ Роҳбари давлат иброз доштанд: «Бо мақсади беҳтар намудани вазъи иҷтимоии аҳолӣ пешниҳод менамоям:

- аз 1-уми марти соли 2023 музди меҳнати амалкунандаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ 25 фоиз ва дигар кормандони ин мақомот 20 фоиз зиёд карда шавад».

Ин дастгирӣ ва ҳавасмандӣ моро водор мекунад, ки боз ҳам содиқона хизмат намуда, баҳри волоияти қонун ва тантанаи адолати иҷтимоӣ тамоми кӯшишро ба харҷ диҳем, зеро ободию осудагии Ватан ба ҳар яки мо – шаҳрвандони Тоҷикистони соҳибистиқлол вобаста аст.

**Шарифхон САЙДАЛИЗОДА,**
**судяи Суди ҳарбии гарнизони Душанбе**

**Яке аз масъалаҳое, ки дар Паёми навбатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ баррасӣ гардид, рушд бахшидани саноати дорусозӣ дар кишвар мебошад. Тавре Президенти мамлакат зикр карданд: «Гарчанде саноати дорусозӣ солҳои охир тадриҷан рушд ёфта, ҳоло дар кишвар истеҳсоли 340 намуди доруворӣ ба роҳ монда шудааст ва ҳаҷми маҳсулоти соҳа соли 2022 нисбат ба соли 2021-ум се баробар афзоиш ёфтааст, вале имкониятҳои истифоданашуда дар ин самт ҳанӯз хеле зиёданд».**



# САНОАТИ ДОРУСОЗӢ.

## Ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намудани Пешвои миллат таҳрикбахши рушди соҳа мегардад

Воқеан, чунин аст. Бо ин миқдор дору, ки ҳоло дар кишвар истеҳсол мешавад, талаботи бозори дохилиро наметавон қонеъ кард. Аз ин ҷост, ки дар зарфи ду соли охир, тавре дар Паём зикр шуд, ба кишвар ба маблағи 84 миллион доллар доруворӣ ворид шудааст. Ин дар ҳолест, ки дар самти ба вуҷуд овардани дору имконияти хуб дорем, ки ин истифодаи растаниҳои дармонбахш мебошад. Моро танҳо лозим аст роҳи дурусти омӯзиш, таҳқиқ ва коркарди онро пайдо намоем. Дуруст аст, ки ҳоло аз ин растаниҳо дар тиб истифода мебарем, аммо таври маъмул мутахассисони мо онҳоро дар шакли чой пешниҳод менамоянд, ҳол он ки давлатҳои мутараққӣ аз онҳо ҳаб ва малҳам истеҳсол мекунанд, ки дар табобати бемориҳо садҳо маротиба таъсири бештар доранд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид мекунанд, то аз растаниҳои шифобахш маводи доруӣ омода созем. Агар ин самтро рушд бахшида тавонем, ҳам фармакологияи кишвар пеш меравад, ҳам метавон ба бозори ҷаҳонӣ роҳ ёфт. Дар ин росто кори олимон аз он иборат аст, ки хусусиятҳои растаниҳои шифобахшро ҳамаҷониба омӯзанд, таҳқиқ ва ба саноатчиён кашфиёташонро манзур намоянд. Албатта, олимони мо дар ин самт корҳои чашмрасро амалӣ намуданд, ки ҳатто дар сатҳи ҷаҳонӣ эътироф шудаанд. Чунончи, олими шинохтаи тоҷик, профессори факултети химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мубаширахон Раҳимова соли 2014 дар ҳамоиши байналмилалии «Бонувони ихтироъкор», ки дар шаҳри Сеули Ҷумҳурии Корея баргузор гардид, иштирок намуд, ки ихтироъҳои ӯ бо 4 медал - 1 тилло, 2 нуқра ва 1 биринҷӣ қадр шуд. Яке аз ин бозёфт тарзи ҳосил кардани ширaи райҳон мебошад. Маводи ҳосилшударо дар тиб барои бемории қалб, буғуми дасту пой ва бемориҳои пӯст истифода бурдан мумкин аст. Нуҳ сол гузашт ва ҳоло саволи матраҳ ин аст, ки оё онро дар истеҳсолот ҷорӣ кардем? Не! Ихтироъ ҳанӯз рӯйи коғаз аст ва ин дар ҳолест, ки маводи доруии чунин хусусиятдоштаро ҳоло аз хориҷи кишвар ворид месозем. Дар ин самт олимони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон низ баъзе корҳои назаррас анҷом додаанд.

Раиси Кумитаи фармакологияи Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, профессори кафедраи химияи органикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бобизода Ғуломқодир бо шогирдонаш дар натиҷаи таҳқиқ ва омӯзиш, омехтасозии растаниҳои шифобахшро бо доруҳои мавҷуда пешниҳод месозанд, ки дар фармакологияи кишвар тарзи нав аст. Силсилаи таҳқиқоте, ки панҷ сол боз дар ин самт анҷом мепазиранд, нишон медиҳанд, ки ба вуҷуд овардани чунин доруҳо дар асоси растаниҳои шифобахш имкон медиҳад таъсирнокии дору пурзӯр шуда, доруҳои бехатар ба вуҷуд оянд. Ин гуна мисолҳо кам нестанд, вале таассуфовар он аст, ки бо сабабҳои гуногун ҳанӯз дар амал татбиқ нагардидаанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин дастур додаанд: «Ба мақсади рушди минбаъдаи саноати дорусозӣ ба вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ зарур аст, ки якҷо бо дигар сохтору мақомот ва бо ҷалби сармояи мустақим таъсис додан ва ба кор андохтани корхонаҳои муосири истеҳсоли доруворӣ, коркарди васеи гиёҳҳои шифобахш ва аз лиҳози экологӣ тозаи ватанӣ, боз ҳам зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти доруворири таъмин намоянд».

Пешниҳоди Пешвои миллат дар ин самт, ки дурбинона аст, қобили дастгирӣ мебошад, зеро бо рушди минбаъдаи саноати дорусозӣ имкон фароҳам меояд дар кишвар доираи омӯзиши растаниҳои давоӣ васеътар гашта, бозёфти илмӣ ба даст ояд, илми фармакология тараққӣ кунад ва илм ба истеҳсолот пайваст гардад. Дар ин сурат вобастагиамон ба кишварҳои дигар камтар мешавад ва маблағе, ки барои хариди маводи доруворӣ берун аз кишвар харҷ мегардад, дохили кишвар гардиш хоҳад кард. Ҷиҳати хуби дигар он аст, ки бо рушди саноати дорусозӣ садҳо ҷойҳои нави кор низ фароҳам меояд.

**Фарзонаи ФАЙЗАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

# МАҶЛИСИ ВАСЕИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(Идома аз саҳ. 1)

Дастур дода шуд, ки мақомоти прокуратура, назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва Палатаи ҳисоб ҷиҳати пешгирӣ аз ҳолатҳои риоя накардани қонунгузории мамлакат оид ба истифодаи замин, танзими ҷашну маросим ва дигар соҳаҳо тадбирҳои саривақтӣ ва бетаъхир андешанд.

Ҳамчунин, ҳисоботи раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ Саъдӣ Қодирзода шунида шуд. Зикр гардид, ки дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади ҷалби бештари сармоягузорӣ, бахусус сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар ва муаррифии шоистаи имкониятҳои сармоягузории он дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ 25 форуму ҳамоишҳои соҳибкорию сармоягузорӣ, аз ҷумла дар шаҳри Душанбе, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, минтақаҳои Суғд, Хатлон ва Кӯлоб, бо иштироки сармоягузорону соҳибкорони дохилию хориҷӣ ташкил ва баргузор гардиданд, ки дар доираи онҳо беш аз 100 санаду созишномаҳои нави ҳамкорӣ ба маблағи умумии зиёда аз 32 миллиард сомонӣ, аз ҷумла барои бунёди корхонаҳои нави саноатӣ, ба имзо расид.

Дар маҷлиси Ҳукумати ҷумҳурӣ раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким ва раиси Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» Икромӣ Сироҷиддин доир ба соҳаи бонкдорӣ ва сиёсати пулию қарзӣ ҳисобот доданд.

Ба роҳбарияти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Бонки миллӣ ва дигар бонкҳои давлативу саҳомӣ дастур дода шуд, ки ҷиҳати ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ба иқтисоди миллӣ, хусусан сармояи мустақим, устувор нигоҳ доштани қурби асъори миллӣ, афзун намудани ҳаҷми қарздиҳӣ, гузариш ба муомилоти ғайринақдӣ ва ба шакли пурраи электронӣ гузаронидани муносибатҳои молиявию бонкӣ чораҳои мушаххас андешанд.

Вазири саноат ва технологияҳои нав Шералӣ Кабир зимни гузориш қайд кард, ки эълон намудани солҳои 2022 – 2026 ҳамчун «Солҳои рушди саноат» барои амалишавии раванди саноатикунонии босуръати мамлакат заминаи устувор гузошт.

Бино ба маълумоти ӯ, соли 2022 дар кишвар корхона ва коргоҳҳои нави саноатӣ бо таъсиси беш аз 6 ҳазор ҷойҳои нави кор мавриди истифода қарор дода шуда, нисбат ба соли қаблӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 15,4 фоиз афзоиш ёфт.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳбарияти Вазорати саноат ва технологияҳои навро ҷиҳати татбиқи амалии яке аз ҳадафҳои стратегӣ – саноатикунонии босуръати мамлакат, ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, ҷалби сармоя барои ҳалли мушкилоти корхонаву коргоҳҳои аз фаъолият бозмонда, афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти рақобатнок, ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигаронидашуда, коркарди ниҳоии ашёи хом дар дохили мамлакат ва рушди саноати нассоҷию дӯзандагӣ дар Тоҷикистон вазифадор карданд.

Ба вазири энергетика ва захираҳои об Далер Ҷумъа, директори генералии Ҷамъияти саҳомии Неругоҳи барқи обии «Роғун» Хайрулло Сафарзода, сардори Хадамоти давлатӣ оид ба назорат дар соҳаи энергетика Ғолиб Убайдуллозода ва роҳбарони ширкатҳои соҳа вобаста ба вусъати корҳои сохтмону навсозӣ дар иншооти энергетикии мамлакат, пешгирӣ аз талафоти техникӣ ва тиҷоратии неруи барқ, бартараф кардани қарздорӣ дар ташкилоту идораҳои соҳа ва вусъати корҳои сохтмон дар Неругоҳи барқи обии «Роғун», инчунин истифодаи мақсадноки маблағҳои ҷудошуда барои сохтмону навсозии иншооти энергетикӣ ва иҷрои босифати корҳои сохтмонӣ дар онҳо, дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд.

Вазири кишоварзӣ Қурбон Ҳакимзода оид ба истифодаи мақсадноки заминҳо, ба гардиши кишоварзӣ даровардани заминҳои нав, зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва содироти он ба хориҷи кишвар, рушди соҳаи парандапарварӣ, чорводорӣ, зотпарварӣ, моҳипарварӣ, зироату сабзавоткорӣ, растанипарварӣ, коркарди саривақтии замин ва истифодаи тухмиҳои хушсифат, инчунин истифодаи нуриҳои минералӣ ҳисобот дод.

Вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода ва директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Субҳонзода Икром барои беҳтар гардонидани вазъи таълиму тарбия, таъмини рушди устувори соҳаи маориф ва бунёди мактабҳои наву замонавӣ вазифадор карда шуданд.

Сардори Хадамоти алоқа Бег Сабур оид ба рафти иҷрои дастуру супоришҳои Сарвари давлат, аз ҷумла барои беҳтар кардани сифати хизматрасониҳо, паст кардани арзиши хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва интернет ва дастрас гардонидани интернети баландсуръат дар ҳама минтақаи кишвар, аз ҷумла шаҳру ноҳияҳои дурдаст, якҷо бо ширкатҳои дар соҳа фаъолияткунанда, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ бармеояд, ҳисобот дод.

Дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муовини Сарвазири мамлакат Матлубахон Сатториён, вазири фарҳанг Зулфия Давлатзода, муовини раиси Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон Азизӣ Абдуҷаббор, раиси Кумитаи ҷавонон ва варзиш Абдулло Раҳмонзода, раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳилолбӣ Қурбонзода ва раиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросим Сулаймон Давлатзода оид ба натиҷаҳои фаъолият дар соли 2022 ҳисобот доданд ва аз ҷониби Роҳбари давлат дар назди сохторҳои мазкур барои дар соли минбаъда амалӣ кардани тадбирҳо ҷиҳати тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, рушди соҳаи варзиш, ба роҳ мондани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ ва риояи қонунҳои амалкунандаи кишвар дар самти танзими расму оин ва ҷашну маъракаҳо вазифаҳои мушаххас гузошта шуданд.

Дар маҷлиси Ҳукумат, ҳамчунин, раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Баҳодур Шерализода, директори Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуҷаббор Юсуфзода ва раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ Рустам Назарзода оид ба ҳифзи олами ҳайвоноту наботот ва пешгирию бартараф кардани оқибатҳои офатҳои табиӣ супориш гирифтанд.

Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ зимни ҳисоботи худ изҳор доштанд, ки дар доираи нақшаи чорабиниҳо оид ба ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ дар пойтахти мамлакат дар соли сипаригашта корҳои ободониву бунёдкорӣ бомаром идома ёфта, 708 иқдоми созандагӣ, аз ҷумла бунёди 14 муассисаи таҳсилоти умумӣ ва томактабӣ, 8 муассисаи тандурустӣ, 74 корхонаю коргоҳи саноатӣ, 16,3 километр роҳ, 11 бинои маъмурӣ, 23 иншооти баландошёна бо 28 маркази хизматрасонӣ, 8 иншооти варзиш, рангубори 146 бино ва як қатор корҳои дигар бо таъсиси беш аз 2 ҳазор ҷойи нави кор амалӣ карда шуд.

Ба маълумоти Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ соли 2022 нисбат ба соли қаблӣ дар пойтахт ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 110 фоиз, гардиши савдои хориҷӣ 2 баробар, гардиши савдо 109 фоиз, хизматрасонии пулакӣ 126 фоиз, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ 103 фоиз, боркашонӣ 1,7 баробар ва мусофиркашонӣ 109 фоиз афзоиш ёфтааст.

Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Алишер Мирзонабот, раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ва иҷрокунандаи вазифаи раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид доир ба натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар соли 2022 ҳисобот доданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои мамлакат ҷиҳати густариш бахшидани раванди омодагӣ ба ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ, татбиқи нишондиҳандаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳия ва иҷрои нақшаи чорабиниҳо вобаста ба амалигардонии солҳои 2022 - 2026 «Солҳои рушди саноат», ҳалли саривақтии арзу шикоятҳои мардум, дастгирии соҳибкорӣ, тақвияти ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ, таъмини рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ, афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноативу кишоварзӣ, бештар намудани ҳаҷми содироти онҳо, тақвияти фаъолияти муассисаҳои маориф, тандурустӣ ва фарҳанг дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Дар охири кори маҷлиси васеи Ҳукумат Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар дар соли 2022 ва вазифаҳо барои соли 2023 бо натиҷагирӣ аз фаъолияти соҳаҳои иқтисоди миллӣ ба аъзои Ҳукумат, Дастгоҳи иҷроияи Президент, роҳбарони вазорату идораҳо, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва дигар мақомоти давлатӣ барои рафъи камбудиҳои мавҷуда, иҷрои нишондиҳандаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияву татбиқи нақшаи чорабиниҳои таъминкунандаи пешрафту тараққиёти соҳаҳо ва минтақаҳои кишвар, дарёфти роҳҳои пешгирӣ ва кам кардани таъсири омилҳои манфии берунӣ, устувор нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, ҷалби сармоя, зиёд кардани иқтидорҳои истеҳсолӣ, хусусан ҷиҳати худтаъминкунӣ бо маҳсулоти ғизоӣ, дастуру супоришҳои мушаххас дода, дар ҳузури иштирокчиён суханронӣ карданд.

Ҳукумати мамлакат, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадор гардиданд, ки иҷрои саривақтӣ ва сифатноки дастуру супоришҳои дар Паёми Президенти мамлакат гузошташударо таъмин намоянд.

Таъкид гардид, ки соли 2022, бо вуҷуди мураккаб гардидани вазъи геосиёсиву иқтисодии ҷаҳон, дар натиҷаи амалӣ намудани стратегияву барномаҳо ва андешидани тадбирҳои саривақтии зиддибуҳронӣ вобаста ба пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ, рушди иқтисодии кишвар дар сатҳи 8 фоиз таъмин карда шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҳукумати мамлакат, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро вазифадор карданд, ки бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ ва дар сатҳи на кам аз 8 фоиз таъмин кардани рушди иқтисоди кишвар фаъолиятро вусъат бахшанд.

Дар ин самт зарур аст, ки ба масъалаҳои пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои кори нав, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти иқтидори содиротии мамлакат, ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидан ба раванди рақамикунонии бахшҳои иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ ва беҳтар кардани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ диққати аввалиндараҷа дода шавад.

Илова бар ин, вазорату идораҳо вазифадор гардиданд, ки якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати иҷрои пурраи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии соҳавию минтақавӣ ва бартараф кардани камбудиҳои дар татбиқи онҳо ҷойдошта тадбирҳои қатъӣ андешанд.

Дар баробари ин, бояд дар самти беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ, ҷалби сармоягузорони ватаниву хориҷӣ барои татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, инчунин афзоиши ҳаҷми истеҳсоли молҳои рақобатноки содиротӣ ва ивазкунандаи воридот, мунтазам чораҷӯӣ намоянд.

Вазорати молия ва Кумитаи андоз вазифадор карда шуданд, ки якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иҷрои сифатнок ва пурраи қисми даромади буҷети давлатиро дар соли 2023 таъмин намоянд.

Илова бар ин, ба Вазорати молия, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук, вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода шуд, ки ҷиҳати дарёфти захираҳои нави молиявӣ ва ҷалби пурраи манбаъҳои даромад ба буҷети давлатӣ, инчунин, коҳиш додани бақияпулиҳои андоз ва пешгирӣ кардани пайдоиши бақияпулиҳои нав, тадбирҳои заруриро амалӣ намоянд.

Ба Вазорати молия, ҳамчунин, зарур аст, ки ҷиҳати таъмини саривақтии уҳдадориҳои иҷтимоии давлат, хусусан дар самти пардохти пурраи музди меҳнати кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ, нафақа, ҷубронпуливу кумакпулиҳо ва беҳтар гардонидани хизматрасониҳои тиббӣ чораҳои таъхирнопазир андешида, нақшаи маблағгузории соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодиро таъмин намояд.

Бо мақсади ҳалли саривақтии масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ ва фароҳам овардани шароит барои зиндагии арзандаи мардум соли ҷорӣ баланд бардоштани музди меҳнати кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ, муассисаҳои маориф, илм, тандурустӣ, соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, нафақа ва стипендияҳо, инчунин зиёд кардани андозаи кумакпулии унвонӣ ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, ба нақша гирифта шудааст.

Бинобар ин, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Вазорати молия ва дигар вазорату идораҳоро вазифадор карданд, ки иҷрои саривақтӣ ва пурраи иқдоми мазкурро таъмин намоянд.

Дар робита ба камбудиҳо дар самти хароҷоти мақсадноку шаффофи маблағҳои буҷетӣ ва риояи қатъии интизоми молиявӣ вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои буҷетӣ ва дигар ташкилотҳо вазифадор гардиданд, ки камбудиҳои дар ин самт ҷойдоштаро ҳар чӣ зудтар бартараф карда, истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ ва шаффофияти хароҷоти онҳоро таъмин намоянд.

Бонки миллӣ вазифадор гардид, ки якҷо бо ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати беҳтар намудани раванди қарздиҳӣ, зиёд намудани ҳаҷми қарздиҳӣ ба ноҳияҳои дурдасти кишвар, тавсеаи фарогирии минтақаҳо ва дастгирии соҳибкорони хурду миёна, бахусус дар соҳаҳои соҳибкории истеҳсолӣ ва кишоварзӣ чораҳои иловагӣ андешад.

Бори дигар таъкид гардид, ки Бонки миллӣ якҷо бо вазорату идораҳои марбута ҷиҳати рушди низоми пардохт ва ба низоми ғайринақдӣ гузаронидани соҳаҳои савдо ва хизматрасонӣ, бо истифодаи воситаҳои электронии пардохт қабул кардани боҷу андозҳо, ҷаримаҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет тадбирҳои фаврӣ андешад.

Инчунин, Бонки миллӣ бояд якҷо бо ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати рушди истифодаи технологияҳои рақамии муосир ва рақамикунонии пурраи амалиёти бонкиро дар кишвар таъмин намояд.

Ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор ва роҳбарияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода шуд, ки ҷиҳати зиёд намудани ҳаҷми сармоягузориҳо ба иқтисоди миллӣ, хусусан ҷалби ҳар чӣ бештари сармояи мустақими ватаниву хориҷӣ, тадбирҳои судманд андешанд.

Намояндагиҳои дипломатӣ ва тиҷоратӣ дар хориҷи кишвар низ вазифадор шуданд, ки бо мақсади ҷалби сармояи мустақим ба иқтисоди миллӣ ба сармоягузорони хориҷӣ имкониятҳои сармоягузории Тоҷикистонро мунтазам муаррифӣ карда, фаъолиятро дар ин самт ҷоннок намоянд.

Ҷиҳати ислоҳи камбудиҳои дар раванди татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ мавҷуда, аз ҷумла дар самти истифодаи мақсаднок ва шаффофи маблағҳо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва марказҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ вазифадор шуданд, ки татбиқи саривақтиву босифати лоиҳаҳоро таъмин карда, вобаста ба бартарафсозии камбудиҳои ҷойдошта чораҳои қатъӣ андешанд.

Зимни таҳлили вазъи соҳаи саноати кишвар Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки гарчанде соли 2022 дар натиҷаи ба истифода додани корхонаю коргоҳҳои нави истеҳсолӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба соли 2021-ум 15,4 фоиз зиёд шудааст, аммо барои расидан ба ҳадафи саноатикунонии босуръати мамлакат сатҳи он бояд боз ҳам афзоиш дода шавад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Вазорати саноат ва технологияҳои навро вазифадор карданд, ки якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор бо мақсади дар Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ то 26 фоиз расонидани ҳиссаи соҳаи саноат ва то соли 2026 ба 95 миллиард сомонӣ расонидани ҳаҷми маҳсулоти соҳа бо истифода аз тамоми захираву имкониятҳо рушди саноатро дар минтақаҳои кишвар тақвият бахшида, ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти рақобатнок дар корхонаҳои истеҳсолии кишвар чораҷӯӣ намояд.

Инчунин, якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо татбиқи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, бахусус бо сармоягузории ватанӣ, барои ҳалли мушкилоти корхонаву коргоҳҳои аз фаъолият бозмонда, дарёфти имкониятҳои аз нав таҷҳизонидан ва барқарор намудани фаъолияти онҳо тадбирҳои таъхирнопазир андешад.

Илова бар ин, дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади истифодаи пурраи имкониятҳои кишвар дар самти рушди саноати сабук стратегияи миллии рушди истеҳсолу коркарди пахта ва саноати нассоҷиро таҳия ва татбиқ намояд.

Инчунин, якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҷиҳати дар се соли минбаъда дар шаҳру ноҳияҳои кишвар бунёд кардану ба кор андохтани маҷмааҳои коркарди ниҳоии нахи пахта чораҳои саривақтӣ андешад.

Ба Вазорати саноат ва технологияҳои нав супориш дода шуд, ки дар ҳамкорӣ бо сохтори мақомоти дахлдори давлатӣ ҷиҳати таблиғу муаррифӣ кардани бартарии экологии маҳсулоти саноатии бо истифода аз «энергияи сабз» истеҳсолгардидаи кишвар чораҷӯӣ карда, ба корхонаҳои ватанӣ барои гирифтани сертификати «истеҳсоли сабз» аз мақомоти махсусгардонидашудаи байналмилалӣ мусоидат намояд.

Ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо якҷо бо Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва дигар вазорату идораҳо супориш дода шуд, ки бо истифода аз имкониятҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҷиҳати ҷалби ҳар чӣ бештари сармоя ва ташкили корхонаҳои саноатӣ дар ҳудуди онҳо барои истеҳсоли маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда чораҳои иловагӣ андешанд.

Зикр гардид, ки дар соли ҳисоботӣ истеҳсоли алюминийи аввалия 62 ҳазор тоннаро ташкил кард, ки нисбат ба соли гузашта ҳамагӣ 1,5 ҳазор тонна ё 2,5 фоиз зиёд мебошад. Аз ин рӯ, Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва роҳбарияти «Ширкати Алюминийи Тоҷик» аз Роҳбари давлат супориш гирифтанд, ки ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ барои барқарор кардани иқтидорҳои истеҳсолии ширкат ва ба кор андохтани иқтидорҳои нав тадбирҳои таъхирнопазир андешанд.

Барои таъминоти хонандагони мактабҳои мамлакат бо либоси мактабии истеҳсоли ватанӣ Вазорати саноат ва технологияҳои нав, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор гардиданд, ки ҷиҳати боз ҳам зиёд кардани истеҳсоли либоси мактабии босифат ва бо нархи дастрас тадбирҳои қатъиро роҳандозӣ намоянд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр карданд, ки дар соли 2022 ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ ба 21,4 миллиард киловатт/соат расонида шуд, ки ин нишондиҳандаи баландтарини даврони соҳибистиқлолӣ ва дастоварди назаррас мебошад.

Ҳамчунин, ҷиҳати ислоҳи камбудиҳои дар соҳа ҷойдошта Роҳбари давлат роҳбарияти Вазорати энергетика ва захираҳои об, ШСХК «Барқи Тоҷик» ва Ҷамъияти саҳомии «Шабакаҳои тақсимоти барқ»-ро вазифадор карданд, ки барои татбиқи саривақтиву босифати лоиҳаҳои кам кардани талафоти неруи барқ дар шаҳру ноҳияҳои кишвар, ҷорӣ намудани низоми биллингӣ ва баҳисобгирии пурраи истифодабарандагони неруи барқ чораҷӯӣ намуда, якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷамъоварии саривақтии маблағи неруи барқро аз аҳолӣ ва ташкилоту корхонаҳо таъмин намоянд.

Ҳамчунин, ба Вазорати энергетика ва захираҳои об супориш дода шуд, ки якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ барои бунёду таҷдиди иқтидорҳои энергетикии кишвар, татбиқи лоиҳаҳои истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, аз ҷумла бунёди неругоҳҳои офтобӣ, шамолӣ ва дигар манбаъҳои алтернативӣ, инчунин лоиҳаҳои баланд бардоштани самаранокии низоми истифодаи неруи барқ дар иншооти иҷтимоиву иқтисодӣ, чораҳои дахлдор андешад.

Илова бар ин, дар ҳамкорӣ бо Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи меъморӣ ва сохтмон ва дигар вазорату идораҳо ҷиҳати ҷорӣ кардани стандартҳои самаранокии энергия ва сарфаи он ҳангоми бунёду навсозии иншооти саноатию иҷтимоиву иқтисодӣ бо риояи принсипҳои «иқтисоди сабз» тадбирҳои амалиро роҳандозӣ намояд.

Зарур шуморида шуд, ки Вазорати энергетика ва захираҳои об якҷо бо Вазорати саноат ва технологияҳои нав имконияти ба роҳ мондани истеҳсоли саноатии панелҳо ва таҷҳизоти офтобиро дар дохили кишвар омӯхта, истеҳсоли ватании ин навъи маҳсулотро ба роҳ монанд.

Инчунин, таъкид гардид, ки Вазорати энергетика ва захираҳои об якҷо бо ШСХК «Барқи Тоҷик», ҷамъиятҳои саҳомии «Шабакаҳои тақсимоти барқ», «Шабакаҳои интиқоли барқ» ва вазорату идораҳои марбута ҷиҳати иҷрои нақшаи чорабиниҳо оид ба сари вақт омода кардани соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи боқимондаи зимистони соли 2023 таъмин намоянд.

Барои зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва дар ин замина таъмин кардани амнияти озуқаворӣ кишвар Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Вазорати кишоварзиро вазифадор карданд, ки якҷо бо Академияи илмҳои кишоварзӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сохтору мақомоти дигар ба масъалаҳои истифодаи самараноки заминҳои кишт, баланд бардоштани ҳосилнокии онҳо, таъмин намудани хоҷагиҳо бо тухмии баландсифат ва ба иқлим мутобиқ диққати аввалиндараҷа диҳад.

Инчунин, дар ҳамкорӣ бо роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо корҳоро ҷиҳати иҷрои дурнамои кишти зироатҳо, васеъ намудани майдони кишти такрорӣ, аз заминҳои обӣ гирифтани 3 - 4 ҳосил, ташкили гармхонаҳои муосир бо технологияҳои пешқадам, риояи қоидаҳои агротехникаи парвариш ва сари вақт ба роҳ мондани кишт тақвият бахшад.

Инчунин, Вазорати кишоварзӣ якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти тару тоза ҷиҳати ҷоннок кардани фаъолияти хоҷагиҳои тухмипарварӣ, зотпарварӣ ва ниҳолпарварӣ, ташкил ва барқарорсозии сардхонаҳо чораҳои зарурӣ андешад.

Дар баробари ин, ба Вазорати саноат ва технологияҳои нав якҷо бо Вазорати кишоварзӣ ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ супориш дода шуд, ки корҳоро ҷиҳати ба фаъолият шурӯъ кардани Ҷамъияти саҳомии «Азот» тақвият бахшида, бо ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ барои сохтани корхонаҳои истеҳсоли нуриҳои минералӣ, аз ҷумла нуриҳои биологӣ дар дигар минтақаҳои кишвар ва таъмин намудани бозори дохилӣ бо маҳсулоти ватании нисбатан арзон, вусъат бахшад.

Ҳамчунин, зарур шуморида шуд, ки роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар самти ислоҳи камбудиҳо оид ба риояи қонунгузории замин ва иҷрои нақшаи дурнамои кишти зироатҳо чораҳои қатъӣ ва фаврӣ андешанд.

Вобаста ба таҳлили вазъи бозори истеъмолии кишвар Роҳбари давлат ба вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, кишоварзӣ, рушди иқтисод ва савдо ва Хадамоти зиддиинҳисорӣ супориш доданд, ки сабабҳои коҳиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли ордро дар соли ҳисоботӣ ҳамаҷониба омӯхта, аз натиҷааш ба Ҳукумати мамлакат пешниҳодҳои мушаххас манзур намоянд.

Зарур дониста шуд, ки роҳбарону мутахассисони вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, кишоварзӣ, Хадамоти зиддиинҳисорӣ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо мониторинги нархҳои маҳсулоти ниёзи аввалро дар бозори дохилӣ мунтазам гузаронида, болоравии беасоси онҳоро пешгирӣ намоянд ва барои сари вақт бартараф кардани мушкилоти бамиёномада, бахусус рақобати носолим дар байни истеҳсолкунандагони соҳа, тадбирҳои қатъӣ андешанд.

Ба Вазорати молия, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук, Агентии омор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода шуд, ки якҷо бо дигар вазорату идораҳо назорати истифодаи самараноки имтиёзҳои андозиву гумрукӣ аз ҷониби корхонаҳои истеҳсолӣ, дурустии пешниҳоди маълумоти оморӣ, риояи қонунгузории амалкунанда дар самти ҳисоботдиҳӣ ва баҳисобгирии муҳосибиро ҷиддӣ ба роҳ монанд.

Бо мақсади дар бозори дохилӣ муътадил нигоҳ доштани нархи маҳсулоти сӯзишворӣ ва озуқаворӣ Вазорати энергетика ва захираҳои об якҷо бо Агентии захираҳои моддии давлатӣ, Хадамоти зиддиинҳисорӣ, Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳан» ва ассотсиатсияҳои воридкунандагони ғалла, маҳсулоти нафтӣ ва гази моеъ вазифадор шуданд, ки барои таъмин кардани талаботи кишвар ба маҳсулоти зарурӣ мунтазам чораҷӯӣ намоянд.

Баъд аз таҳлили гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр карданд, ки нишондиҳандаҳои содироти мамлакат ҳоло ҳам дар сатҳи паст қарор доранд. Бинобар ин, супориш доданд, ки дар самти мазкур аз ҷониби вазорату идораҳои марбута ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ татбирҳои иловагӣ андешида шаванд.

Инчунин, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор супориш дода шуд, ки доир ба ҳалли масъалаи шомил шудани Тоҷикистон ба Низоми умумии бархӯрдории тиҷорати Иттиҳоди Аврупо ва истифода аз имтиёзҳои он чораҳои таъхирнопазирро роҳандозӣ намояд.

Барои беҳтар кардани сифати хизматрасониҳо дар соҳаи алоқа, паст кардани арзиши хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва интернет ва дастрас гардонидани интернети баландсуръат дар минтақаҳои кишвар, аз ҷумла шаҳру ноҳияҳои дурдаст, Хадамоти алоқа вазифадор гардид, ки якҷо бо ширкатҳои дар соҳа фаъолияткунанда тадбирҳои зарурӣ андешад.

Ҳамчунин, аз ҷониби Роҳбари давлат идома додани ислоҳоти соҳаи авиатсияи гражданӣ зарур шуморида шуд.

Ба Вазорати маориф ва илм супориш дода шуд, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдор вобаста ба масъалаҳои дар сатҳи мутобиқ ба талаботи муосир тайёр кардани омӯзгорон ва ба ин восита пурра бо кадрҳои соҳибихтисос таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани мақоми омӯзгор тавассути пешниҳоди имтиёзҳо, таҳкими заминаи моддиву техникии муассисаҳо, сохтмони муассисаҳои нави таълимӣ ва синфхонаҳои иловагӣ чораҳои қатъӣ андешад.

Ҳамзамон бо ин, бо дарназардошти вазъи қабули довталабон дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Маркази миллии тестӣ ва дигар сохтору мақомоти марбута вазифадор шуданд, ки корро вобаста ба тарғибу ташвиқи ихтисосҳои ин зинаҳои таҳсилоти касбӣ ва бо ин роҳ ҷалб кардани довталабон ба самтҳои омӯзгорӣ ва техникӣ ҷоннок намоянд.

Инчунин, зарур шуморида шуд, ки заминаи моддиву техникӣ ва кадрии муассисаҳои зикршударо мустаҳкам намуда, барои таъмини донишҷӯён бо ҷойи зист чораҳои муассир андешанд.

Ба вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва дигар вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таҳсилоти касбӣ доранд, супориш дода шуд, ки ҷиҳати омода кардани мутахассисони ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ, хусусан донандагони асосҳои технологияи рақамӣ чораҷӯӣ намоянд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки ба талаботи стандартҳои байналмилалии таҳсилот мутобиқ кардани нақшаву барномаҳои таълимӣ ва дар ин замина омода кардани кадрҳои баландихтисоси ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнати дохиливу хориҷӣ яке аз ҳадафҳои асосии Ҳукумати мамлакат дар самти таҳсилоти олии касбӣ мебошад ва вобаста ба ин Вазорати маориф ва илм, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва вазорату идораҳои дахлдор вазифадоранд, ки дар ин самт тадбирҳои муассир андешанд.

Ҳамчунин, Вазорати маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо ва роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар вазифадор карда шуданд, ки тибқи нишондиҳандаҳои дурнамои тайёркунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳо муассисаҳоро давра ба давра бо омӯзгорони дараҷаи илмидошта таъмин намоянд.

Роҳбари давлат, инчунин, таъкид намуданд, ки қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ низ барои соли таҳсили 2022 - 2023 нисбат ба соли 2021-ум 2950 нафар ё 10,3 фоиз кам шудааст.

Дар робита ба ин, Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ доранд ва Маркази миллии тестӣ вазифадор шуданд, ки бо мақсади ҷалби довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тарғибу ташвиқ ва корҳои фаҳмондадиҳиро дар байни хатмкунандагон дуруст ба роҳ монда, ҷиҳати бозбинии маблағи шартномаи муассисаҳо ва бо ҷойи хоб таъмин кардани донишҷӯёни минтақаҳои дурдаст чораҳои фаврӣ андешанд.

Барои ҳалли мушкилоту масъалаҳои ҳанӯз мавҷудаи соҳаи тандурустӣ Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ вазифадор шуд, ки якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ корро ҷиҳати тибқи талабот ба ҷойи кор фиристодани хатмкунандагони муассисаҳои соҳа ва фароҳам овардани шароити корӣ барои онҳо, хусусан дар минтақаҳои дурдаст, тақвият бахшад.

Инчунин, дар ҳамкорӣ бо мақомоти марбута бо мақсади пешгирии аз кор рафтани кормандони тиб ва иваз намудани самти фаъолият вобаста ба ҳавасмандгардонӣ ва баланд бардоштани мақоми табибон чораҳои зарурӣро роҳандозӣ намояд.

Илова бар ин, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ вазифадор гардид, ки якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати пешгирии паҳншавии бемориҳои сироятӣ минбаъд низ чораҷӯӣ намояд.

Дар охир Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дар сатҳи баланд ҷашн гирифтани 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ ва иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз Паёми Роҳбари давлат бармеоянд, ба вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супоришҳои мушаххас доданд. Аз ҷумла, супориш дода шуд, ки намояндагони ба шаҳру ноҳияҳо вобасташудаи Ҳукумати мамлакат, Дастгоҳи иҷроияи Президент ва роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ назоратро ҷиҳати вусъат додани бунёду таҷдиди иншооти ба нақша гирифташуда, суръат ва сифати корҳои сохтмон, инчунин ҳолати нигоҳдорӣ ва истифодабарии минбаъдаи онҳо ҷоннок намоянд.

Ба Кумитаи рушди маҳал супориш дода шуд, ки ҳолати воқеии истифодаи иншооти дар шаҳру ноҳияҳо бунёдшударо мавриди таҳлил қарор дода, доир ба ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта чораҷӯӣ намояд.

Илова бар ин, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадор шуданд, ки бо истифода аз тамоми иқтидорҳои мавҷуда барои амалисозии нақшаи чорабиниҳои соҳавӣ ва маҳаллии худ ва боз ҳам ободу зебо гардонидани шаҳру ноҳияҳо тадбирҳои амалиро роҳандозӣ намоянд.

Роҳбари давлат такроран таъкид карданд, ки бо дарназардошти мураккабу вазнин ва хатарзо пешгӯӣ гардидани солҳои дарпешистода роҳбарону масъулон, тамоми хизматчиёни давлатӣ вазифадоранд ба мардум фаҳмонанд, ки вобаста ба вазъияти зикршуда сарфаю сариштакор бошанд.

Ҳамчунин, зарур аст, ки ба истифодаи самараноку оқилонаи обу замин, боз ҳам баланд бардоштани маданияти заминдорӣ, зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ, аз ҷумла картошка, шолӣ, инчунин пахта, эътибори аввалиндараҷа ва доимӣ дода шавад.

Дар ин раванд, иҷрои нақшаи татбиқи ҳадафи стратегии саноатикунонии босуръат, таҳкиму тавсеаи иқтидори содиротии кишвар ва ҷалби сармояи мустақим ҳамчун вазифаҳои муҳимтарин бояд дар маркази диққати роҳбарону масъулон қарор дошта бошанд.

Масъулин, инчунин, вазифадор гардиданд, ки панҷумин ибтикори ҷаҳонии кишварро оид ба масъалаҳои об ва иқлим дар микёси сайёра бо ташаббуси Тоҷикистон аз тарафи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» эълон шудани соли 2025 ва 21-уми март ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиряххо»-ро ҳамаҷониба тарғибу ташвиқ намоянд.

Дар ин раванд, ба вазоратҳои корҳои хориҷӣ, молия, рушди иқтисод ва савдо, фарҳанг ва дигар вазорату идораҳо супориш дода шуд, ки ба конфронси сатҳи баланди Созмони Милали Муттаҳид, ки соли 2025 дар шаҳри Душанбе баргузор мегардад, ҳамаҷониба омодагӣ бинанд.

Супориш дода шуд, ки ба масъалаи ободу сабзкории пойтахт, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ва суръат бахшидани ободкориву созандагии ҳамаи шаҳру ноҳияҳои мамлакат эътибори боз ҳам бештар дода шавад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба аъзои Ҳукумати мамлакат, роҳбарони сохторҳои давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати барқарор кардани заминҳои кишти аз сардиҳои гузашта зарардида, аз ҷумла майдонҳои кишти картошка ва пиёз, омодагӣ ва сари вақт оғоз кардани кишти баҳорӣ, самараноку оқилона истифода бурдани замин, аз ҷумла заминҳои президентӣ ва наздиҳавлигӣ, азхудкунии заминҳои нав, ба гардиш ворид намудани заминҳои боир, тезонидани маъракаи ниҳолшинонию кабудизоркунӣ, дар сатҳи баланди ташкилӣ баргузор кардани Ҷашни байналмилалии Наврӯз ва иҷрои дастурҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ супориш доданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки аъзои Ҳукумат, роҳбарони дигар сохтору мақомоти давлатӣ, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо бо истифода аз имконияту захираҳои мавҷуда барои бартараф кардани камбудиву норасоиҳои дар маҷлиси имрӯза зикргардида ва супоришу вазифаҳои гузоштешуда масъулияти шахсӣ доранд.

Роҳбари давлат хотирнишон карданд, ки ҳар яки мо бояд ватандӯсту ватанпараст бошем ва ҳаргиз фаромӯш насозем, ки эҳсоси гарми ватандӯстӣ ва ҳисси баланди миллӣ омили асоситарин ва роҳи муҳимтарини рушди давлат ва ҷомеа мебошад.

**www.president.tj**

Табиби ман – ҳабиби ман



# МАЗРАИ САБЗ

**Зиндагии инсони асил мисоли китобест пурмаънӣ, ибратбахшу хонданӣ. Ҳар саҳифаи умри фарди некном рангину фаромӯшношуданист. Ҳарчанд рӯзҳо мегузаранд, ҳамон қадар қадру қиматаш афзун мешавад. Кори наку ва писандидааш дар хотираи мардум зиндатар, номаш гиромитар мегардад. Мардуми куҳанбунёди тоҷик мисли Абӯалӣ ибни Сино, Абӯбакр Закариёи Розӣ дар соҳаи тиб даҳҳо донишмандонро ба воя расонидаанд, ки осори онҳо то ба имрӯз аҳамияти худро гум накарда, барои башарият ҳамчун роҳнамои тиббӣ хизмат менамоянд. Бахусус, хизмати Синои бузург дар ин ҷода беназир буда, вай дар замонаш на танҳо барои мардуми худ, балки ба аксари қавму қабилаҳо, сарфи назар аз дину мазҳаб ва ирқу нажод, дасти мадад дароз кардааст.**

Аслиддин Осимӣ. Номест ошно ва гиромӣ барои тоҷику тоҷикистониён. Чеҳраест шинохта, маҳбубу муътабар ва соҳиби мақому манзалати бениҳоят баланд. Ӯрост ёдгориҳои қобили таваҷҷуҳ дар китоби зиндагӣ. Ӯрост пайравону ихлосмандони зиёд, дӯстону бародарони ҷонӣ. Онҳое, ки доимо хайр мекунанд, дар ҳар гуфтор сухане аз ҳиммату наҷобаташ мегӯянд, дар рафтор пайравиаш мекунанд, кирдорашро аҳсан мехонанд.

Дар урфият одам аз пушти обу дон меравад, мегӯянд. Ҳар ҷо, ки ризқу рӯзияшро қисмат карда бошанд, маҷрои зиндагиаш ҳамон сӯ майл мекунад. Ин нукта ҳақиқатест бебаҳс. Дар зиндагӣ барои исботи он мисолҳои бешумор метавон ёфт. Зиндагиномаи Аслиддин Осимӣ ҳамин ранг сурат гирифтааст.

Табиат инсонҳоро нотакрор меофарад ва дар ҷавҳари ҳар кадом хислатеро ҷо мекунад, ки тавассути он рисолатро ба анҷом мерасонанд. Инсонҳое, ки рисолати вуҷуди онҳо ободкорию созандагӣ ва тарбиятгарию роҳнамоист, ҳамчун моҳ дар шаби тор роҳи дигаронро равшан, зиндагии онҳоро нуру сахо, ҳастиро маънӣ ва махзани маърифати ҷомеаро ғанӣ мегардонанд. Ин аст, ки тӯли таърихи пайдоиш ва инкишоф инсоният тавонист, ки ба дараҷаҳои баланди маърифат ва рушд ноил гашта, табиату ҷамъиятро идора намояд. Соҳибистиқлолии кишвар низ барои ашхоси арзанда баҳри шинохти рисолат ва роҳандозии фаъолияти пурмаҳсул имконияти мусоид фароҳам оварда, дастгириву таваҷҷуҳи хосаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдом ва ташаббусҳои зиёиёни кишварро бештар гардонид.

Аслиддин Осимӣ дар ҷомеа мавқеи сазоворро соҳиб буду дар доираи илмии дохилу хориҷи кишвар ҳамчун вориси арзандаи Сино ва ҳабиби дардмандон эътироф шудааст. Дониши фароху касбияти баланд ба ӯ имконият дод, то дар бахши урология муваффақ гардад.

Ба шарофати меҳнати пурмаҳсул ва поквиҷдонӣ роҳу равиши хешро дар зиндагӣ пайдо намуд. Заҳматписандӣ, сабру таҳаммул ва роҳнамоии пайвандони соҳибэҳтиромаш мактаби нахустини ҳаёташ гардид.

Иқдомҳое, ки қаҳрамони матлаб баҳри тибби муосири тоҷик, хоса бахши урология, амалӣ намуд, дар маҷмӯъ ба рушду такомули соҳаи тандурустӣ таҳрик бахшиданд. Табиист, ки ҳар кори навро мушкилоте низ дунболагир мегардад, вале ӯ, ки иродаи шикастнопазир дошт, аз душвориҳо наҳаросид. Аз ин рӯ, мардум бо як эҳсоси гарм дар бораи ин табиби ҳозиқ сухан мегӯянд.

Пизишки масеҳонафас ба василаи хислатҳои неки инсонӣ ба дили мардум роҳ ёфта, дар ҳама ҳолат масъулиятшиносӣ, поквиҷдонӣ, инсондӯстӣ, қонунсолорӣ, ҳақшиносӣ, ҳақгӯӣ, ҳалолкорӣ ва ҷасорату пешсафиро меҳвари кору зиндагӣ қарор дода буд. Ҳар нафаре, ки бо ӯ ҳамроҳ фаъолият карда, заҳматҳои шабонарӯзӣ ва созанда, инчунин, садоқаташро ба Пешвои миллат ва ин миллату Меҳан дидааст, бо мо ҳамфикр хоҳад буд. Албатта, муаррифии ин шахсият, ки дар сурати барҳаёт будан 90 - сола мешуд, дар доираи як матлаб имконнопазир аст.

Зиндагиаш аз соли 1959, пас аз хатми Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино бо соҳаи тандурустӣ пайванди ногусастанӣ пайдо кард. Қобили зикр аст, ки ӯ пеш аз хатми донишгоҳи зикршуда, соли 1952 дар зодгоҳаш маълумоти миёнаи тиббӣ гирифта, як сол дар Беморхонаи вилоятии шаҳри Хуҷанд фаъолият дошт. Сипас, ин рисолат дар симмати ассистенти кафедраи урологияи ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино солҳои 1966 - 1967 идома ёфта, соли 1969 рисолаи номзадиашро сарбаландона ҳимоя кард. Қобили зикр аст, ки дар донишгоҳи зикршуда фаъолияти Аслиддин Осимӣ аз ассистент то профессори кафедраи урология масир дорад. Солҳои 1973 - 2008 роҳбарии кафедраи мазкурро ба зимма дошт (ба истинои солҳои 1995 -1998). Бо назардошти қобилияти нотакрор аз соли 1973 то соли 1994 сармутахассиси соҳаи урологияи Вазорати тандурустии Тоҷикистони шӯравӣ ва Тоҷикистони соҳибистиқлол буд. Тамаллуқ намешавад, агар дар бахши урология Аслиддин Осимиро устоди устодон номем. Дар замони фаъолияти ӯ ординатураро аз рӯи ин ихтисос зиёда аз 200 нафар хатм карда, 107 духтур марҳилаи такмили ихтисосро гузаштанд. Дар маҷмӯъ, ин шахсияти номдор 60 соли умри пурбаракати хешро ба пешаи табиби ҷарроҳ бахшид. Равобити роҳандозикардаи ӯ бо марказҳои илмии урологии собиқ ҷамоҳири шӯравӣ боис гардид, ки таҷрибаи пешқадами ин бахши тиб дар марказҳои урологии шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон татбиқ гарданд. Ин омил замина фароҳам овард, ки мақому манзалати А. Осимӣ на танҳо дар Тоҷикистон, инчунин, миёни олимону табибони хориҷи кишвар тамоюли болоравиро касб намояд. Яке аз далелҳои тасдиқкунандаи андешаи қаблӣ он аст, ки номбурда солиёни зиёд узви ҳайати таҳририяи маҷаллаи байналмилалии «Урология ва нефрология» буд.

Таъсиси шуъбаҳои урология дар шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб ва Хоруғ, шуъбаи литотрипсия дар шаҳри Душанбе аз ҷамъи ташаббусҳои ӯ «муште аз хирвор» маҳсуб мешавад. Муҳим он буд, ки қаҳрамони матлаб барои машварат ба табибони шуъбаҳои навтаъсис ба манотиқи гуногуни мамлакат сафар мекард.

Махсусияти дигари А. Осимӣ дар он зоҳир мегардад, ки шарофатмандона ба касби хеш содиқ монд, сарфи назар аз фишору мушкилоти солҳои навадуми асри гузашта шаҳри дӯстдоштаи хеш - Душанберо тарк накард. Мисли ҳамеша бо чеҳраи кушода беморонро табобат намуда, кӯшиш кард, ки дар он айёми пуртазод хурсандие ба хонаводаи ҳамватани хеш эҳдо кунад.

Қаҳрамони матлаб ҳар ҷое фаъолият кард, аз худ номи нек ва ободии зиёд боқӣ монд. Фаъолияти илмиву амалиаш, воқеан ҳам, қобили ситоиш аст. Мисоли зиёд мавҷуданд, ки ба шарофати ӯ теъдоди зиёди инсонҳо ба зиндагӣ дилгарм шуданд. Манзури мо ҷарроҳиҳои пластикӣ вобаста ба узвҳои таносул ва пешобгузар мебошанд, ки аз ҷониби табиб дар сатҳи хубу сифати баланд амалӣ гардида, аксарашон камназиранд.

Ҳамрадиф бо ин, мақолаҳои илмиаш доир ба масоили гуногуни бахши урология на танҳо дар маҷаллаҳои илмии дохили кишвар, балки маҷаллаҳои бонуфузи хориҷи мамлакат низ ба нашр расидаанд. Қобили зикр аст, ки мавсуф тӯли фаъолият ҷарроҳиҳои зиёди мураккаби урологӣ, аз ҷумла барчидани сангҳои сершумор аз гурда, ҷарроҳиҳои роҳҳои пешобравро дар маркази ҷумҳурӣ анҷом доданд. Дар силсилаи корҳои илмии Аслиддин Осимӣ тамоми масоили ба бемориҳои бахши урология рабтдошта омӯзишу гурӯҳбандӣ шуда, инчунин, усулҳои нави ба воситаи ҷарроҳӣ рафъ намудани онҳо мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Муаллифи 2 монография, зиёда аз 100 мақолаи илмӣ, 62 тезис, 6 дастури таълимию методӣ, 10 пешниҳоди навоварӣ буда, зери роҳбариаш ҳимоя гардидани се рисолаи номзадӣ ва ғайра бозгӯи фаъолияти пурмаҳсули ӯст. Муболиға намешавад, агар гӯем, ки Аслиддин Осимӣ пойдевори илми урологияро дар кишвар замина гузоштааст.

Дар таърихи фарҳангҳои башарӣ мактабу равияҳои тиббӣ мақоми хосро доро мебошанд. Пойдор мондани чунин мактабу равияҳо аз онҳое вобаста аст, ки бунёдгари он ба ҳисоб рафта, қобилияти тафсиру такмил ва танзими андешаҳои гуногунро ба чорчӯбаи системаи муайян ворид сохта тавонад. Аслиддин Осимӣ соҳиби чунин қобилият буд.

Таҷриба шаҳодат медиҳад, ки агар пизишк андешаҳои фалсафӣ, тиббӣ, иҷтимоӣ ва ғайра дошта бошаду онҳоро дар шакли пароканда, номураттаб бидуни низоми муайян боқӣ гузорад, ҳамчун асосгузори ин ё он бахши илм пазируфта намешавад. Тавре Афлотун фармудааст: «Андешаҳои ҳақиқӣ ҳам камарзишанд, агар кас онҳоро бо алоқаи сабаб ва натиҷа пайваст насозад».

Мутобиқи анъанаҳои тибби классикӣ, табиб бояд дармонбахши табиати кулли инсон бошад. Чунин талабот табибро то андозае водор месозад, ки дониши мукаммал дар бораи анатомия, физиология ва психология дошта бошад. Тибби муосир зиёда аз 40 самти илмӣ-ихтисосиро дар бар мегирад. Қаҳрамони матлаб тавонист, ки ин самтҳоро ба меъёрҳои дониши илмӣ мувофиқ сохта, дар фаъолияти худ онҳоро ба як низоми муайян оварад.

Агар зиндагиномаи Аслиддин Осимиро аз назари шинохти табиати инсон нигарем, пас муътақид хоҳем шуд, ки фаъолияти табибии ӯ ҷанбаҳои анатомӣ, физиологӣ ва равонии инсонро дар бар мегирад. Ин табиби ба маънои том ҳабиби мардум бар мабнои донишу касбияти камназир тавонист, ки махсусиятҳои бемориҳои урологиро мушаххас созад ва баҳри табобати бетаъхир ва самарабахши онҳо пешниҳодҳои чорасоз ироа намояд. Масъалаҳои марбут ба ин намуди маризӣ дар таълифоташ амиқу ҳамаҷониба пажӯҳиш ва бо истинод ба далелҳои муътамад матраҳ шудаанд.

Маҳз ҳамин махсусиятҳо ин инсони наҷибу комилро муътабар кард. Ҳар қадар ки собиқаи фаъолияташ бештар гардид, эътиқоди дардмандон низ ба ӯ қавитар шуд. Рафтор, гуфтор ва кирдори номбурда аз дурӯғ, риё, тамаъ ва ҳасад орӣ ва бар ин ҳама аъмоли зишт оштинопазир буд. Ин аст, ки дар бораи ӯ нек мегӯянд ва эътироф менамоянд, ки табиби асил, инсони накукор, накуном ва нексиришт буд.

Бино ба гуфти яке аз шогирдонаш, директори Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии урологӣ» Неъматуло Ибодов, ҳарчанд ба назар менамуд, ки ӯ дастнорас ва бисёр ҷиддӣ аст, аммо дар зиндагӣ хоксор ва ҳалиму меҳрубон буд. Бисёре аз дӯстонаш ашхоси одӣ буданд, ки ин хислат хоси ҳар шахс нест. Зери роҳбарии ӯ табибони ҳозиқи зиёд ба воя расида, дар ҷодаи илм аз пайи устод устувурона пеш мераванд. Ҳамчун устод бисёр сахтгир, серталаб, бомасъулият, ҷиддӣ ва дақиқкор буд. Ҳар супориши додаро доимо назорат намуда, иҷрои онро сари вақт талаб менамуд. Ба фикри шогирд гӯш медод, ақидаи ӯро тақвият мебахшид, баҳри хулосабарории дуруст кумак мекард. Ба шогирд имконият медод то фарҳанги баҳси илмиро омӯзад, хулосабарории мантиқиро аз худ намояд. Ҳамин аст, ки шогирдонаш ҳамеша дар иҷрои рисолати табибӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои инсонӣ, миллӣ ва давлатӣ муваффақ мебошанд.

Офаридгор накутарин хислатҳоро барояш арзонӣ дошта буд. Хоксорӣ, фурӯтанӣ, ҷавонмардӣ, поктинатӣ, самимият, ҳақиқатҷӯӣ, ростқорию некманишӣ ва дилсӯзӣ хислатҳое ба ҳисоб мерафтанд, ки ӯро дар байни ҷомеа азизу гиромӣ гардониданд. Нафаре буд, ки шеваи зиндагиаш мактаби одамгарӣ буда, насиҳату роҳнамоияш дарси кору зиндагӣ барои ҳар як фард аст. Биноан, дӯстону шогирдон кӯшиш доранд, то ба хислатҳои ҳамидаи ӯ пайравӣ намоянд зеро онҳо на танҳо барои ба маънои том табиб гардидан, балки барои инсони ҳақиқӣ шудан низ муҳим мебошанд.

- Ӯ барои ман намои хираду озодагӣ, инсофу ростӣ, садоқат ва сарбаландӣ, ҳақшиносӣ ва ҳақталошӣ, набарду пирӯзӣ буду ҳаст. Шахсиятест, ки алоразми ҳама сахтӣ таҳаммул, бовар ва умедро талқин менамуд. Зиндагии Аслиддин Осимӣ махсусиятҳои зиёд дошта, аз рӯҳияи баланди ватандӯстӣ ва хирадмеҳварӣ, ғояҳои наҷиб таркиб ёфта буд.

Хушбахтам, ки ба Аслиддин Осимӣ шогирд будан насибам гаштааст ва аз ӯ бисёр омӯхтам. Агар дар коре ба маслиҳат ниёз пайдо мешуд, қабл аз ҳама, ба устод муроҷиат мекардам, зеро мунсифона маслиҳат дода, назарашро бе хотирбинӣ иброз медошт. Ӯ аз оғоз бо ростию ҳақиқату адолат ва садоқат ба арзишҳои инсонӣ зиндагиву кор карда, ҳамин гуна дар хотири мо мондааст, - афзуд Неъматулло Ибодов.

Месазад ёдовар шавем, ки масъулиятшиносиву поквиҷдонӣ ва меҳнати софдилонааш бо унвонҳои «Духтури шоистаи Тоҷикистони шӯравӣ», «Аълочии тандурустии ИҶШС», медали «Шафқат» ва ифтихорномаву сипосномаҳои зиёд қадр шудааст.

Ҳарчанд Аслиддин Осимӣ чор сол инҷониб ҷисман дар байни мо нест, вале кори неку номи некаш мазраи сабзи эъморкардаи ӯро пуртароват нигоҳ медоранд. Хислатҳои ҳамидааш моҳиятан хиштҳои тиллоии умри пурбаракати ӯ мебошанд, ки хотираи некашро дар қалби мардум нозудуданӣ кардаанд.

**Далер АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**

Пешниҳод

**Дар доираи сафари расмии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Исломии Покистон 14-уми декабри соли 2022 як қатор санадҳои нави ҳамкорӣ, аз ҷумла Ёддошти тафоҳум дар бораи барқарор намудани муносибатҳои бародаршаҳрӣ байни шаҳрҳои Душанбе ва Исломобод, ба имзо расид.**

Ҳамин тавр, Исломобод 21- умин бародаршаҳри Душанбе гардид. Боиси хушнудист, ки дар арафаи бародаршаҳр эълон шудани пойтахтҳои Тоҷикистону Покистон миёни ҳар ду шаҳр парвози ҳавопаймоҳо ба роҳ монда шуд. Хатсайрро сокинони ҳар ду кишвари дӯст дер боз интизор буданд, зеро то ин дам сокинони Тоҷикистону Покистон барои ба кишвари ҳамдигар рафтан тавассути шаҳрҳои Истанбулу Дубай сафар мекарданд, ки 24 соат сарф мешуд. Акнун парвоз ба як самт ҳамагӣ якуним соатро дар бар мегирад.

Бартарии хатсайри мазкур боз дар он аст, ки сокинони ҷумҳуриҳои ҳамсоя низ метавонанд тавассути ҳавопаймои ширкати «Сомон Эйр» бо масири наздику арзон ба пойтахти Покистон раванд.

Хатсайри мазкурро бояд барои рушди сайёҳии кишвар истифода барем, зеро дар шаҳри Кӯлоб оромгоҳи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мавҷуд аст, ки аксари покистониён ӯро пиру муршиди хеш мешуморанд.

Мутафаккири шинохта Аллома Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ дар «Ҷовиднома» ном асараш дар хусуси таъсири Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба Кашмир ва мардуми он чунин фармудааст:

**Сайидуссодот солори Аҷам,**
**Дасти ӯ меъмори тақдири умам…**
**Муршиди он кишвари минуназир,**
**Миру дарвешу салотинро мушир…**
**Офарид он мард Эрони сағир,**
**Бо ҳунарҳои ғарибу дилпазир.**

Шоир сифатҳои Шоҳи Ҳамадониро васф карда, чун аксар покистониён аз Худо хостааст, ки зиёрати марқади Мир Сайид Алии Ҳамадониро дар Хуталон (Кӯлоб) барояш насиб гардонад:

**Эй Худои поку беанбози мо,**
**Кун насибам то бубинам Хуталон.**
**Ходими он даргаҳи воло шавам,**
**Раҳматаш бар сар бигирам соябон…**
**Мардуми Кашмиру Покистон ҳама,**
**Дил супурда дар раҳат пиру ҷавон…**
**Оташи ваҳдат зи ту рахшон шуда,**
**Ҳам ба Покистону Эрону ҷаҳон.**

# АГАР КӮЛОБ БО МУЗАФФАРОБОД БАРОДАРШАҲР ШАВАД...





Ихлоси кашмириён ба Шоҳи Ҳамадон то ҳаддест, ки баъди тавофи Хонаи Каъбаю Масҷиди Набавӣ ва Байтулмуқаддас зиёрати оромгоҳи Мир Сайид Алии Ҳамадониро барои худ шараф меҳисобанд. Ман чандин покистониёнро дидам, ки бо фахр дар бораи зиёрати мақбараи Шоҳи Ҳамадон нақл карданд.

Олими покистонӣ доктор Ҳусайни Тасбеҳӣ бо тахаллуси «Раҳо» дар васфи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ қасидае бо номи «Ҳамадонинома» навиштааст, ки чунин оғоз мешавад:

**Эй Алӣ, эй сайиди кашмириён,**
**Сайидуссодоти покистониён.**
**Эй амири кишвари ирфону ишқ,**
**Гулшани покӣ ту аз эрониён.**
**Корвони ошиқон гашта равон,**
**Сӯйи Кашмир омаданд аз Хуталон.**

Аз ин рӯ, масъулони Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ширкатҳои сайёҳии шаҳрҳои Душанбею Кӯлобро зарур аст, ки дар бораи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, шаҳри Кӯлоб ва атрофи он ба забонҳои англисӣ, урду ва форсӣ маълумоти ҷолиб нашр кунанд. Ба ин восита теъдоди ихлосмандони зиёрати марқади Шоҳи Ҳамадон бештар хоҳад шуд.

Беҳтар мебуд, ки шаҳри Кӯлоб бо шаҳри Музаффаробод, ки ҳамагӣ 80 километр аз Исломобод дур аст, бародаршаҳр шавад. Ин иқдом боиси бештар муаррифӣ шудани ин шаҳри бостонӣ дар Покистон хоҳад гашт.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

# ТАҚДИМИ 43 ДУЧАРХА БА МАРКАЗИ САЛОМАТӢ

**Чанде пеш бо дастгирии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Созмони ҷаҳонии тандурустӣ ба Шабакаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Шаҳринав 43 дучарха тақдим гардид.**



Дар маросими супоридани онҳо сардори Раёсати дастгирии кишварҳо, омодагӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулодаи Дафтари минтақавии Созмони ҷаҳонии тандурустӣ Гундо Велера, раиси Дафтари намояндагии Созмони ҷаҳонии тандурустӣ дар Тоҷикистон Виктор Олсавский, муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амирзода Абдухолиқ ширкат варзиданд.

Муовини раиси ноҳияи Шаҳринав Шоиста Неъматуллозода миннатдории Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияро ба Созмони ҷаҳонии тандурустӣ барои ҳамкории судманд иброз намуда, таъкид кард, ки дастрас гардидани дучархаҳо ба беҳтар гардидани кор мусоидат хоҳад кард.

# КОРҲОИ БИОТЕХНИКӢ ДАР НОҲИЯИ ШАҲРИНАВ

**Баҳри пешгирии нобудшавии ҳайвоноту парандагони даштӣ дар фасли зимистон дар мавзеи Қаратоғи ноҳия аз тарафи кормандони шуъбаи ҳифзи муҳити зист корҳои биотехникӣ гузаронида шуд.**

Бо ин мақсад 200 кг ҷуворимакка, 200 кг гандуму ҷав, 200 кг намак ва 500 кг хасу хошок дар минтақаҳои дахлдор гузошта шуд.

Анҷом додани чунин корҳо дар дигар минтақаҳои баландкӯҳи ноҳия низ пешбинӣ шудааст.

**Сайидо НАЗАРОВ,**
**«Садои мардум»**

Маслиҳати муфид

**Олимон муайян намудаанд, ки инсон навад дарсади маълумотро дар бораи муҳити зист ба воситаи чашмҳо дарёфт менамояд. Тибқи маълумоти Оҷонсии байналмилалии нобиноён, 253 миллион нафар дар ҷаҳон мушкилоти биноӣ доранд. Аз ин теъдод 65 дарсадашон афроди аз 40 - сола боло ва 35 дарсадашон кӯдакон мебошанд. Мо дар асри технологияҳои компютерӣ, суръати баланди мавҷ, ҳолатҳои номусоиди экологӣ умр ба сар мебарем, ки ин ҳолатҳо ба чашмони мо таъсири манфӣ мерасонанд. Ба ҳолати пастшавии биноӣ риоя накардани гигиенаи босира, таъсири воситаҳои техникӣ, аз ҷумла компютер, телевизор ва телефонҳои мобилӣ, ба узви биноӣ зарар мерасонанд.**

# КАДОМ ОМИЛҲО БА БИНОӢ ТАЪСИР МЕРАСОНАНД?

Барои ҳифзу нигоҳдории биноии чашмон пизишкон истеъмоли ғизои солимро тавсия медиҳанд. Бояд мувофиқати байни хӯрок ва моддаҳои фаъоли биологӣ «сафедаҳо, чарбҳо, карбогидратҳо, витаминҳо ва маҳсулоти минералӣ» таъмин шавад. Ғизое, ки барои чашм фоида доранд, инҳоанд: сабзӣ, ки дар таркибаш бета-каротин дорад, ба витамини А табдил меёбад. Витамини А ба раванди барқароршавӣ ёрӣ ва барои пешгирӣ аз мушкили наздикбинӣ кумак мекунад. Афшурдаи ҷаъфарӣ ба тақвияти кори рагҳои хунгард ёрӣ расонда, барои барқарории фаъолияти чашм баъд аз рӯзи кории вазнин фоида дорад. Ҳангоми чашмсурхӣ конюнктивит, илтиҳоби қарния (кератит) ва оби марворид (катаракт) аз ин гиёҳ истифода мекунанд. Кунҷид (тухм ва ё равғанаш) дар таркибаш витаминҳои А, В ва С дорад. Он барои коҳиши дарди сар, ки дар натиҷаи фишор бар чашмон ба миён меояд, кумак мерасонад. Зардолу дар таркибаш витамини А дошта, чашмро аз таъсири нури офтоб, компютер ва телефон муҳофизат мекунад. Лимӯ дар таркибаш витаминҳои В1 ва С дошта, барои пешгирӣ аз мушкили наздикбинӣ ва ё дурбинӣ ёрӣ мерасонад. Ҳамчунин, барои дарди сар, ки дар натиҷаи хастагии чашмон баъд аз кори тӯлонӣ бо компютер ва телефон ба амал меояд, муфид аст. Тухми мурғ дар таркибаш лутеин ва гӯгирд (сулфур) дошта, чашмонро аз бемории оби марворид (катаракт) ҳимоя мекунад. Сир (чеснок) барои чашм аз он ҷиҳат муфид аст, ки дар таркибаш сулфур дорад ва дар тақвияти биноӣ таъсири мусбат мерасонад. Моҳӣ дар таркиби худ витамини Омега-3 бисёр дошта, барои тақвияти биноӣ фоидаовар аст. Карам, помидор ва бодиринг дар таркибашон лутеин дошта, биноии чашмро беҳтар сохта, барои пешгирӣ аз бемории оби марворид (катаракт) муфид ҳастанд. Маҳсулоти ширӣ дар таркибашон моддаи рӯҳ (синк) доранд. Маҳз, норасоии рӯҳ чашмро ба бемории оби марворид (катаракт) гирифтор мекунад. Дар маҳсулоти ширӣ витаминҳои В2 ва В12 низ мавҷуд аст, ки гардиши хунро дар чашм беҳтар менамоянд.



Бамаврид аст, дар бораи маҳсулоте, ки дар биноии чашм таъсири манфӣ мерасонанд, мушаххас маълумот диҳем. Бояд истеъмоли маҳсулоти ордӣ ва шириниҳоро, ки боиси хастагии чашмҳо мешаванд, маҳдуд кард. Ғизои намакӣ, маҳсулоти зудпаз ва нимтайёр ва дар дуд пухташуда ба ихтилоли фаъолияти рӯдаҳо ва гурда боис шуда, чашмҳоро низ дучори мушкил месозанд. Истеъмоли аз меъёр зиёди маҳсулоти гӯштӣ ба баландшавии фишори чашм боис мегардад. Дар таркиби баъзе маҳсулоти ғизоӣ, монанди чипс, бургеру хотдог, моддаи химиявии глутамати натрий вуҷуд дорад. Ин модда ба таври сунъӣ истеҳсол мешавад, ки на танҳо барои чашм, балки барои аъзои дигари бадани инсон ҳам зиён мерасонад.

**Таҳияи Раҳмоналӣ ҲАБИБОВ,**
**«Садои мардум»**

Шинохти инсон

# ҲИЛМ ВА ТААННӢ — ЧАРОҒИ МАЪНАВӢ

**Инсон дар баробари сармояи моддӣ ба ганҷинаи маънавӣ низ ниёз дорад. Ба таъбири дигар, инсон ҳамин гӯшту пӯсту устухон нест, балки вуҷуди ӯро каромату шарофат, иззату эътибор, меҳру ишқ, самимияту рафоқат, имону ихлос, донишу ҳикмат зинат медиҳад. Одамизода аз рӯзе, ки худро шинохтааст, парвози маънавии ӯ ҳамеша ба сӯи зебоӣ, доноӣ ва некуӣ будааст. Ҳамин се асл боиси ба вуҷуд омадани мусиқӣ, муҷассамасозӣ, шеър, меъморӣ, риёзӣ, ахтаршиносӣ, хулоса эъҷозҳое гашта, ки ба зиндагии мо рангу бӯ мебахшанд.**

Ҳар чизе, ки дар олам вуҷуд дорад дорои сифат мебошад. Ситораҳо, абрҳо, кӯҳҳо, сангҳо, дарахтҳо, буттаву гиёҳҳоро мо бо сифатҳои хосашон мешиносем. Ҳар яки онҳо дар зиндагӣ рисолате доранд, килеро анҷом медиҳанд, ки барои он офарида шудаанд. Аммо мақоми бузурги инсонии мо дар он аст, ки дорои сифатҳое ғолиб омадан қурбонии фаровон диҳад ва бо ҷаҳду талоши беандоза ба зафар ноил гардад, инсони ҳалим бо бурдбориву оҳистагӣ ба мурод мерасад. Дар тасвири Мавлоно теғи ҳилм аз теғи шамшер тезтару бурандатар аст.

Ҳар инсоне бояд дорои ганҷинаи маънавӣ бошад ва чароғе, ки ин ганҷро мунаввар месозад, ҳилм аст. Агар ин чароғ вуҷуди моро равшан насозад, мо роҳро гум мекунем, ба сӯи ғафлат меравем. Далели ин андеша он аст, ки солҳои охир талоқ дар миёни оилаҳои ҷавон хеле афзудааст. Омори хонавайронӣ дар байни онҳо нигаронкунанда аст. Сабаби асосии ин кор сабукфикрӣ буда, ҷавонон аз худ бурдборӣ нишон намедиҳанд, ба ҳамдигар гузашт намекунанд, оқибати корро намеандешанд. Агар ҳилм дар дили онҳо ҷой дошта бошад, хештандор мешаванд, ҳамдигарро мебахшанд.

Аз мисоли боло равшан мегардад, ки ҳилм ба инсон шараф ва иззат медиҳад. Мо танҳо тавассути бурдбориву шикебоӣ метавонем айбҳоямонро пӯшонем, аз ахлоқи бад, ҷаҳолат ва аз гумроҳӣ худро наҷот диҳем.

Довуди набиро гузорад. Ӯ аввал санги мармари муносиберо интихоб мекунад, сипас онро ба майдони марказии шаҳр меорад ва чор сол ба тарошидани пайкараи Довуд машғул мешавад. Рӯзи пардабардорӣ аз рӯи муҷассама ҳазорон нафар дар майдон ҷамъ меоянд ва чашмашон ба шоҳкори беназире меафтад, ки то ин замон надида буданд. Вақте аз Майкл Онж дар бораи чӣ гуна офаридани муҷассама пурсон мешаванд, мегӯяд: «Чор сол бурдборона кор кардам. Давру бари Довудро, ки дар санг пинҳон буд, аз чизҳои нолозим тоза намудам, он гоҳ симои ӯ пайдо шуд».

Ҳайкали Довуд имрӯз низ побарҷост ва яке аз шоҳкориҳои муҷассамасозии ҷаҳон аст.

Дар дунё чизе ба вуҷуд омадан замон ба камол намерасад. Ин ҳақиқатро дар мисоли дарахт мушоҳида карда метавонем. Тухми дарахт дар хок соати мусоидро интизор мешавад, то қомат кашаду ниҳол шавад. Солҳо мегузаранд, ки он ниҳол дар натиҷаи парвариш ба дарахт мубаддал гардаду самар орад. Табиат барои ба вуҷуд овардани чаманҳову бешазорон шитоб намекунад, балки бо таннӣ ва аз худоӣ ҳастем ва ин сифатҳо исми мо низ ҳастанд: карим, раҳим, ҳалим, рауф, собир, самеъ. Ин исму сифатҳо дар зоти мо вуҷуд доранд. Вақте ба ҳадди худшиносӣ мерасем, онҳоро аз ботини худ пайдо мекунем ва барои ба камол расидану рисолати инсонии худро анҷом додан, аз онҳо истифода мебарем.

Ҳилм ва таннӣ ду гавҳаре ҳастанд, ки дар тарбияти нафси инсонӣ ва камоли ахлоқии мо нақши бузург мебозанд.

## ҲИЛМ

Мафҳумҳои оҳистагӣ, бурдборӣ, нармдилӣ ва мулоимат, ки ҳилм таъбир мешаванд, барои ҳар инсон муфид ҳастанд. Аз назари ҷомеашиносӣ ҳилм нигоҳдорандаи саломатӣ, таъминкунандаи амнияти моливу ҷонӣ, ахлоқиву равонӣ дар хонавода ва ҷомеа мебошад.

Ҳар инсоне барои расидан ба ҳадафи олии худ ба ҳилм, яъне бурдборӣ, ниёз дорад. Одами бурдбор дар баробари ҳар гуна зуҳуроти манфӣ худро идора карда метавонад. Масалан, ҳангоми ғазаб хашмашро фурӯ мебарад, оқибати корашро андеша мекунад. Ҳангоми ба коре тасмим гирифтан саросема намешавад, хубу бади ҳар кореро дар тарозуи ақл бармекашад. Дар баробари ҳар гуна тундхӯӣ нармдилӣ нишон медиҳад, яъне бо рафтору гуфтори худ ба дигарон намунаи ибрат мешавад.

Бузургони илму ҳикмат ва адаби мо ҳамеша ҷойгоҳи ҳилмро дар зиндагӣ таъкид кардаанд. Масалан, хирадманде фаросат, донишу фаҳмиши писарашро имтиҳон карда, мепурсад:

- Ҳилм чист?

Ӯ посух медиҳад:

- Ҳилм фурӯ бурдани хашми хеш аст.

Касе, ки хашмашро фурӯ бурда метавонад, дар анҷом додани корҳо саросема намешавад, аз ифроту тундравӣ парҳез мекунад, бо хушномӣ ва рафтори ҳамида дар байни мардум зиндагӣ менамояд, ӯро ҳалим мегӯянд.

Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ дар байте мефармояд:

**Теғи ҳилм аз теғи оҳан тезтар,**
**Бал зи сад лашкар зафарангезтар.**

Бурдборӣ инсонро ба мақсад мерасонад. Агар лашкаре барои ба душмани худ Ғуломризо Муҳаммадӣ шеъри хубе дар бораи ҳилм дорад:

**Аз сукути содаи як санг,**
**Аз шикеби шавкати як кӯҳ,**
**Бурдбориро биёмӯзем…**

**Мавҷ-мавҷи ин кавири**
**тафта тӯфонист,**
**Об бе хуни ҷигар дар дашт**
**ҷорӣ нест…**
**Зиндагӣ корези ин саҳрост,**
**То барояд боғ, то бирӯяд сарв,**
**то бирақсад бед,**
**То қанорӣ баркашад шӯри**
**ғазалхонӣ.**
**Зистану растан аз они мост**
**В-андар ин гулшан гулафшонӣ…**
**Бурдбориро биёмӯзем.**

## ТААННӢ

Калонсолон ба хурдсолон вақте кореро мефармоянд, мегӯянд: саросема нашав, корро бо таннӣ анҷом деҳ! Ё таъкид мекунанд: сад бор чен куну як бор бур! Пирони рӯзгордида ҳикмати таанниро аз ҳаёт омӯхтаанд, фоидаву зарари онро таҷриба кардаанд.

Таннӣ дар луғат маънии оҳистагӣ, диранг кардан, ба таъхир андохтан, сабр ва бардоштро дорад. Ҳамчунин, мафҳумҳои виқор ва матонат низ ба таннӣ рабт доранд.

Дар китоби «Ғурур-ул-ҳикам ва дурр-ул-калам» таъкид шудааст: «Пайванд деҳ шитобатро ба таннӣ ва сатвату виқори худро ба нармӣ ва шарри худро ба хайру некуӣ ва ақлу хирадро дар баробари ҳавову ҳавас ёрӣ деҳ, то хирадманд шавӣ». Бо ибораи дигар, шитобзада бошем, дар анҷоми кор аз худ виқору матонат нишон надиҳем, ба нармӣ ва хайру некуӣ рӯ наорем, бандаи ҳавову ҳавас бошем, ба кӯи мурод намерасем.

Ба таннӣ анҷом додани корҳо маънои онро надорад, ки ҳар вақте хостем амалеро сомон диҳем ва ҳар вақте нахостем, раҳояш кунем. Барои равшан гаштани мавзӯъ мисол меорем. Соли 1501 ба пайкаратароши машҳури итолиёвӣ Майкл Онж супориш медиҳанд, ки дар майдони марказии шаҳри Флоренсия муҷассамаи рӯи қонунҳои ба худ хос амал менамояд. Дар ҳар коре, ки таннӣ вуҷуд надорад, парешониву бебандуборӣ ҳоким мешавад.

Арнолд Глосу дар мавриди таннӣ мефармояд: «Калиди ҳама корҳо бо таннӣ амал кардан аст. Шумо чӯҷаро бо сабр кардан аз тухми мурғ ба даст оваред, на бо шикастани он». Оре, ҳамчуноне ки тухми шикаста ҷӯҷа намедиҳад, корҳои оҷилонаву нимкора анҷомдода, бенатиҷа аст.

Сифати таннӣ дар худ виқор ва пойдориро низ муттаҳид месозад. Масалан, ҳеҷ инсоне якбора, худ ба худ, дар як лаҳза деҳқон, муаллим, олим ё муҳандис намешавад. Барои расидан ба онҳо бояд заҳмат кашад, таҷриба омӯзад, аз худ виқору пойдорӣ нишон диҳад, то оқибат ба пешаи интихобкардааш мушарраф гардад. Ҳамин тавр, таннӣ ва оҳистагӣ дар кирдор ва шитоб накардан дар анҷоми корҳо инсонро аз сустӣ ва изтироб дар амон нигоҳ медорад. Аз ин бармеояд, ки таннӣ ба саломатии рӯҳиву равонии одамон низ таъсиргузор аст.

Вақте ба сифати таннӣ амиқтар меандешем, ба хубӣ дарк мекунем, ки он ба ду сифати дигар - оромиш ва ҳилм тобеъ аст. Ин ду хислат дорои қуввате ҳастанд, ки эҳсосоти одамонро ба таври муътадил нигоҳ медоранд.

Саъдӣ дар боби панҷуми «Гулистон» менависад: «Шабе ёд дорам, ки ёре азиз аз дар даромад. Чунон бехуд аз ҷой бархостам, ки чароғам ба остин кушта шуд. Биншаст ва итоб оғоз кард, ки маро дарҳол бидидӣ ва чароғ бикуштӣ». Яъне, инсон вақте оромишро аз даст медиҳад, кору рафтораш халал мепазирад ва на танҳо ба худ, балки ба дигарон низ озор мерасонад. Аз ин ҷост, ки дар ҳар коре таннӣ варзидан хуб аст. Азизе фармудааст: «Касе, ки ба таннӣ кор мекунад, муваффақ аст, агарчӣ дар ин роҳ ба ҳалокат расад».

Аз ин бармеояд, ки дар вуҷуди хеш парвариш кардани сифатҳои ҳамида хеле муҳим аст. Ин сифатҳо боис мешаванд, ки мо парвоз ба сӯи зебоӣ, доноӣ ва некуиро таҷриба кунем. Рисолати инсонии худро шиносем ва барои чӣ ба дунё омаданамонро дарк намоем.

**ВОРИС,**
**«Садои мардум»**

---

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 9-УМИ ФЕВРАЛИ СОЛИ 2023 МУЗОЯДАИ № 5-РО ОИД БА ФУРӮШИ АМВОЛИ МУСОДИРАГАРДИДА БАРПО МЕНАМОЯД

| № | Номгӯи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Телевизор (истифодашуда) | адад | 1 | 250 |
| 2 | Чароғаки автомобил, рангаш - сафед | адад | 2 | 400 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

---

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 9-УМИ ФЕВРАЛИ СОЛИ 2023 МУЗОЯДАИ № 2- РО ОИД БА ФУРӮШИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТИ ҚАБЛАН ДАР ИСТИФОДАБУДА БАРПО МЕНАМОЯД

✓**ВАЗ – 2121,** рақами давлатӣ - 85 - 55 СБЦ, соли барориш -1987, мансуб ба Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии шаҳри Ҳисор. Нархи ибтидоӣ - 4000 сомонӣ.

✓**УАЗ – 3152,** рақами давлатӣ - 59 - 13 А 01 РТ, соли барориш - 1991, мансуб ба Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии шаҳри Ҳисор. Нархи ибтидоӣ - 4000 сомонӣ.

✓**ГАЗ – 53,** рақами давлатӣ -21-04 ДББ, соли барориш - 1989, мансуб ба Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии шаҳри Ҳисор. Нархи ибтидоӣ - 12000 сомонӣ.

✓**ВАЗ – 21102,** рақами давлатӣ - 66 - 15 А 01 РТ, соли барориш - 2002, мансуб ба Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии шаҳри Ҳисор. Нархи ибтидоӣ - 4000 сомонӣ.

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» ва шаҳри Хуҷанд, кӯчаи И. Сомонӣ - 47/1 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи И.Сомонӣ - 47/1, тел: (83422) 4-21-83, мобилӣ 92-758-00-96.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

---

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

## ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 413322 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Неругоҳи барқи обии «Роғун» | Симулятор, дистиллятори об, гигрометр - психрометр, аломатҳои бехатарӣ, сим, кабел, сейфи оҳанӣ ва сертификат | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 13 | 13.02.2023 13:00:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

---

## ЭЪЛОН!

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ҳамроҳи Аҳмад» (РЯМ 1210012742), ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0274497 аз 24-уми июли соли 2019 мебошад, дар Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ аз нав ба қайди давлатӣ гирифта шуд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиносномаи техникӣ бо рақами инвентарии 4246-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул»-и шаҳри Ҳисор 24-уми августи соли 1989 бо суроғаи деҳоти Ватан, шаҳри Ҳисор, деҳаи Шӯроби авғон ба Бердиев Рахим додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0507293-и гумшуда, ки онро Кумитаи идораи замини ноҳияи Рӯдакӣ дар асоси қарори раиси ноҳияи Рӯдакӣ аз 8-уми августи соли 2014 №1080 санаи 17-уми апрели соли 2015 таҳти №33692 ба аъзои хоҷагии деҳқонии «Насиба» додааст, эътибор надорад.

✓ Ҳуҷҷати ронандагии категорияҳои «В», «С» ва шиносномаи техникии автомашинаи тамғаи «Опел вектра» (рақами давлатӣ - 0254 АХ 01 Tj)- и гумшудаи мансуб ба Ҳамидов Маҳмуд Самихович (санаи таваллуд- 5-уми марти соли 1968) эътибор надоранд.

✓ Патент барои пешбурди фаъолияти соҳибкории гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Ҳисор 28-уми апрели соли 2016 ба Халилов Азамҷон Ғаниевич (РЯМ 0930130603) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи силсилаи А №02858057- и гумшуда, ки онро ШВКД дар шаҳри Хуҷанд 19-уми декабри соли 2019 ба Обидов Максум Собирович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии №1539-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Ҳисор 4-уми августи соли 1987 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, шаҳраки Ҳисор, кӯчаи Озодӣ -12 ба Шарипов Расул додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми синфи нуҳуми силсилаи ТШТ-А №0280832-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №46-и ноҳияи Қубодиён 29-уми июли соли 2008 ба Имомов Амирдин додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома, иқтибос, муҳр ва гувоҳномаи гумшуда бо РМА 010100150, РЯМ 0110024237, ки онҳоро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 27-уми ноябри соли 2018 ба ҶДММ «Қуллаи нор» додааст, эътибор надоранд.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0187762-и гумшуда, ки онро Кумитаи давлатии заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қарори Комиссияи қонунигардонии молу мулк аз 3-юми июли соли 2008 таҳти №8 барои истифодаи бемуҳлат ба Солиҳов Ҳабибулло додааст, эътибор надорад.

✓ Патент барои фаъолияти соҳибкории инфиродии №451-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Қубодиён 31-уми августи соли 2012 ба Ҳасанов Абдуқаюм (РМА 325037423, РЯМ 3230052898) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи бақайдгирии №1462-и гумшуда, ки онро КФБТ-и ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) 21-уми феврали соли 2007 бо суроғаи Ҷамоати деҳоти Навобод, кӯчаи Рӯдакӣ, бинои 55, квартираи 3 ба Абдулазизов Ҳаким додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории таҳти варақаи қайди №4719-и гумшуда, ки онро КФБТ-и ноҳияи Рӯдакӣ моҳи июни соли 2003 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Куктош, кӯчаи Комаров, бинои 34, ҳуҷраи 8 ба Назиров Ҳикматулло Нарзуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши квартираи силсилаи ДШ №0335547-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 27-уми марти соли 2013 таҳти қайди 1Ш- 715 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, бинои 67, квартираи 32 ба Усманов Ҳазраткул Уракович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе таҳти қайди 1797 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, бинои 67, квартираи 32 ба Усманов Ҳазраткул Уракович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи Ю-№007141- и гумшуда, ки онро Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат соли 1999 ба Абдуджабборов Фарҳод Абдураҳмонович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи АБ №026251- и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №37-и шаҳри Душанбе соли 1998 ба Хонҷонова Фарангис Азизхоновна додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Бурҷи дӯстӣ», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0267673 бо РЯМ 0410037742 буда, онро Нозироти андози ноҳияи Сино 2-юми феврали соли 2022 додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

ҶДММ «Нур Тиҷорат», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0280255 бо РМА 040052947 ва РЯМ 0410031564 буда, онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Қуллаи нор», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0280822 бо РМА 010100150, РЯМ 0110024237 буда, дар Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 27-уми ноябри соли 2018 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Талбак Исмоилов», ки дорои РЯМ 4110002472, РМА 410004773 буда, дар Нозироти андози шаҳри Норак 27-уми октябри соли 2022 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Дидори Душанбе» (РМА 010103487, РЯМ 0110027198) фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

---

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва ҳокимияти қонун
Садои мардум

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Абдухолиқ Мирзоев, Шариф Атобуллоев ва Фарзона Файзалиева

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд - 92-773-28-76, 92-771-76-72, водии Зарафшон - 93-535-06-66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17, НТМ - 000-03-03-80.
МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ: www.sadoimardum. tj ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97

Ба чопаш 25 январи соли 2023, соати 16:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35485 нусха

Навбатдорони шумора Ӯ. Назар ва Ф. Файзалиева

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров